**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Кабиров Шарифбек Абдусаломович дар мавзуи «Хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20.-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типология ва қиёсӣ**

Муҳаққиқ ба омӯзиши яке аз мавзуъҳои муҳим ва актуалӣ машғул гардида, хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои соҳаи варзишӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикиро мавриди таҳқиқ қарор дода, ҳамчунин ба масъалаҳои гуногуни марбут ба тарҷумаи дақиқ ва ҳуҷҷатноки мафҳумҳои соҳаи варзишӣ, вобаста ба фарқияти забонӣ ва фарҳангӣ, таваҷҷуҳи хоса додааст. Дар тарҷумаи вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ, фарқиятҳои фарҳангии хоси ҳар ду забон (англисӣ ва тоҷикӣ) ба назар гирифта шудааст. Масалан, барои бархе аз ибораҳои варзишӣ, ки дар як фарҳанг маънои махсуси худро доранд, пайдо кардани маънои мувофиқ дар забони дигар метавонад хеле мушкил бошад, аммо диссертант вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ, ки мафҳумҳои махсуси фарҳангиро ифода мекунанд, дуруст ва бомаврид тарҷума кардааст ва ифодаю маъноҳои онро дар забони тоҷикӣ ёфта, бо мисолҳо асоснок кардааст.

Ҳамчунин дар тарҷумаи вожаҳои варзишӣ ба хусусиятҳои грамматикӣ ва фонетикии забони тоҷикӣ диққати махсус дода, мафҳумҳои англисиро ба таври дуруст ва мувофиқ бо қоидаҳои забони тоҷикӣ тарҷума намудааст, ки маънои аслии онҳо тағйир наёфтаанд. Бояд илова намуд, ки тарҷумаи мафҳумҳои варзишӣ дар забони тоҷикӣ як масъалаи муҳим ва сариваќтӣ буда, ба таҳқиқи илмӣ ниёз дорад.

Перомуни мавзуъ диссертант ба лексикаи варзишии забони англисӣ дар таҳқиқоти олимони Шӯравӣ ва рус ба монанди А. В. Алексеев, Г. И. Атаманова, Л. С. Бархударов, Н. Н. Бобирова, С. В. Гринев, А. М. Гуреева, А. А. Елистратов, В. Н. Комисаров, А. А. Малуш, Е. В. Птушкина ва муҳаққиқони аврупоӣ А. Аурбеч, Е. Берсес, Ч. Китфор, М. Милик ва дигарон фаровон корбарӣ намудааст.

Ҳадафи асосии муҳаққиқ таҳқиқу пажуҳиши хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ба шумор меравад. Натиҷаҳои илмии диссертатсия метавонанд барои омӯзиш ва таҳқиқи забони англисӣ, тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ ба тарҷумонҳо ва дар таҳияи барномаҳо ва

дастурҳои илмии фанҳои тарҷумашиносӣ ва луғатнигорӣ кумак расонанд. Асосҳои назариявии таҳқиқотро асарҳои олимоне ташкил медиҳанд, ки ба тарҷумаи муқоисавии забонҳо машғул шудаанд ва бевосита ба муқоисаи забонҳо ва роҳҳои бартараф кардани мушкилот ҳангоми тарҷума даст задаанд, аз қабили М. Ҷабборӣ, П. Ҷамшедов, Ф. Турсунов, А. Мамадназаров, З. Мухторов, Д. Искандарова, Ҳ. Саидов, Ҷ. Худойбердиева, М. Б. Нағзибекова, Ш. Б. Каримов, З. Ғафуров ва дигарон.

Навгониҳои илмии таҳқиқот дар он аст, ки дар диссертатсия аввалин бор таҳлил ва омӯзиши назариявии мафҳумҳои варзишӣ дар забони имрӯзаи англисӣ ба роҳ монда шудааст. Ҳамчунин, барои аввалин маротиба усулҳо ва методҳои тарҷумаи мафҳумҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст. Мушкилоти тарҷумаи калимаҳои соҳаи варзиш аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ошкор карда шудааст. Дар диссертатсия бори нахуст, хусусият ва усулҳои асосии тарҷумаи мафҳумҳои варзишӣ байни забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ муайян карда шуда, инчунин умумият ва фарқиятҳои мафҳумҳои соҳаи варзиш дар ҳар ду забон муайян гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳрасти адабиёт буда, ҳаҷми умумии он 193 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Дар муқаддимаи автореферат мавзуъ ба таври аниқ ва асоснок баён шуда, ҷиҳатҳои навоварӣ ва аҳамияти илмии он, аниқ кардани мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, усулҳои методологӣ ва таъриф кардани аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар контексти илмӣ ва амалӣ, инчунин муайян намудани объект ва алоқаи таҳқиқот бо барномаҳо ё лоиҳаҳои илмӣ ва мусоидат ба масъалаҳои асосии ҳимояи диссертатсия муайян шудааст.

Боби аввали диссертатсия таҳти унвони “Асосҳои назариявии мафҳумҳои соҳаи варзиш” ном дошта, фарогири 3 фасл ва 1 зерфасл мебошад. Фасли аввали диссертатсия “Ҷанбаҳои назариявии мафҳумҳои варзишӣ ва тарҷумаи онҳо аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ”, зерфасли дуюми он “Мафҳумҳои варзишии забони англисӣ ва хусусияти луғавии онҳо”, фасли дуюми он “Таснифоти мафҳумҳои варзишӣ” ва фасли сеюми он «Мавқеи калимаву истилоҳ ва мафҳумҳои варзишӣ дар лексикаи забони англисӣ ва хусусиятҳои онҳо» номгузорӣ шудааст.

Боби дуюми диссертатсия бо номи “**Вижагиҳои тарҷумаи мафҳумҳо, ибораҳо ва вожаҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ”** буда, аз 4 зербоб иборат аст. Зербоби аввал бо унвони “Ҷанбаҳои хоси тарҷумаи мафҳумҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ” пешниҳод шудааст, ки дар он хусусиятҳои махсуси тарҷумаи мафҳумҳои варзишӣ дар рамзи забони англисӣ ва тарҷумаи онҳо ба забони тоҷикӣ таҳлил шудааст. **Зербоби дуюм ва фасли аввали боби дуюм “Усулҳои тарҷумаи мафҳумҳои варзишӣ”** номгузорӣ шуда, ба хелҳои тарҷумаи вожаҳои варзишӣ бахшида шудааст.

Зербоби дуюми боби дуюм **“Мусоҳибаи варзишӣ ва хусусияти тарҷумаи онҳо”** унвон дорад. Зербоби якум **“Ҷанбаҳои хоси тарҷумаи мафҳумҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ”** номгузорӣ шуда, дар он махсусияти тарҷумаи мафҳумҳои варзишӣ нишон дода шудааст. Зербоби 2-юми фасли якуми диссетатсия **“Усулҳои тарҷумаи мафҳумҳои варзишӣ”** номгузорӣ шуда, ба хелҳои тарҷумаи вожаҳои варзишӣ бахшида шудааст. Зербоби дуюми боби дуюм **“Мусоҳибаи варзишӣ ва хусусияти тарҷумаи онҳо”** унвон дорад ва зербоби сеюми боби дуюм **“Сленгҳои варзишӣ дар забони англисӣ ва усули тарҷумаи онҳо ба забони тоҷикӣ”** унвон дорад.

Фасли чоруми боби мазкур **“Мафҳумҳои варзишии англисӣ дар матнҳои публитсистию бадеӣ ва хусусиятҳои тарҷумаи онҳо”** унвон дошта дар он нозукиҳои тарҷумаи мафҳумҳои варзишӣ дар матнҳои публитсистӣ баррасӣ гардидааст.

Доир ба мавзуи диссертатсия муҳаққиқ 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст. Ҳамчунин, муҳтавои диссертатсия дар шакли маърўзаҳо дар конференсияҳои илмию назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифтааст.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсияи Кабиров Шарифбек Абдусаломович чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки муҳаққиқ дар натиҷаи заҳмату талошҳои тўлонӣ ба ҳадафи асосии мавзуъ расидааст. Бо вуҷуди муваффакиятҳои бадастомада, дар автореферат баъзе норасоиҳо мушоҳида шудаанд, ки ислоҳи онҳо барои беҳтар гардидани кори таҳқиқот муфид мешуморем.

- Дар тақсимбандии фаслу зерфаслҳои бобҳои диссертатсия норасоиҳо вуҷуд доранд (Масалан боби якум ва дуюм аз 3 фасл ва 4 фасл ва чанд зерфасл иборат буданро дар шарҳи бобҳои диссертатсия қайд накардаанд);

- Агар унвони мавзуи диссертатсия «Хусусиятҳои маънoии тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои соҳаи варзишӣ аз забони англисӣ ва забони тоҷикӣ» номгузорӣ мешуд, унвони мавзуъ мантиқан дуруст мешуд;

- Дар автореферати диссертатсия хатогиҳои техникӣ, услубӣ ва имлоӣ ба чашм мерасанд, аз ҷумла дар саҳифаҳои 9 (дар як ҷумла калимаи пажӯҳишҳо ва пажӯҳиш такроромадааст); 12 (биатлон (хуб мешуд, ки дар қавсайн варианти тоҷикӣ, яъне ду рақобат ё ду мусобиқа оварда мешуд); қариб дар ҳамаи саҳифаҳо (соҳаи варзишӣ навишта шавад, чунки варзиш як соҳа аст); 18 (мафҳуми спринтро ба тоҷикӣ дар қавсайн бо суръати баланд давидан дар муддати кутоҳ навиштан лозим) ва дар аксари саҳифаҳо мафҳумҳои иқтибосӣ оварда шудаанд, ки муодили онҳо дар забони тоҷикӣ вуҷуд дорад (масалан, дискурс (муҳокима), сленг (гуфтори ғайрирасмӣ) ва ғайра.

Новобаста аз камбудиҳои зикршуда, диссертатсияи Кабиров Шарифбек Абдусаломович дар мавзуи **«Хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ»,** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз руйи ихтисоси 10.02.20.- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типология ва қиёсӣ пешниҳод гардидааст, анҷомёфта буда, ба талаботи «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии », барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз руйи ихтисоси 10.02.20.- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типология ва қиёсӣ сазовор мебошад.

Муқарриз: н.и.ф., котиби Шурои олимони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Неъматова Бибиқанд Мабатхоновна.

Имзои н.и.ф., Неъматова Б.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва котиботи ДБССТ: Ҷураев Ш.Н
Маълумот дар бораи иртибот:
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
Борбад 48/5
E-mail: bibijon07@mail.ru
Телефон: (+992) 502075841
20.03.2025.